Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-126
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(Суроға:734025, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 17).

ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Сабурзода Фаридуни Мирзоали дар мавзуи "Танзими молиявии рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900–Молия (6D050901- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) пешниҳод шудааст.

Дар шароити муосири рушди иқтисодиёти ҷаҳонӣ масъалаи таъмини рушди устувори иқтисодӣ, баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисоди миллӣ ва истифодаи самараноки захираҳои молиявӣ аҳаммияти махсус касб менамояд. Равандҳои ҷаҳонишавӣ, тағйирёбии вазъи иқтисодии байналмилалӣ, таҳаввулоти бозорҳои молиявӣ ва таъсири омилҳои беруна зарурати такмили низоми танзими молиявии иқтисодиёти миллиро ба миён овардаанд. Аз ин лиҳоз, мавзуи «Танзими молиявии рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир» мубрам ва дорои аҳаммияти назариявию амалӣ мебошад.

Аз ин дидгоҳ, зарурати такмили сиёсати молиявию буҷетӣ, таъмини устуворii низоми молиявӣ, баланд бардоштани самаранокии истифодаи маблағҳои давлатӣ ва ҷалби сармоягузориҳо ба соҳаҳои афзалиятноки иқтисоди миллӣ муҳиммият ва саривақтӣ будани таҳқиқоти зеринро исбот месозад. Дар шароити имрӯза танзими молиявӣ яке аз воситаҳои муҳими таъсиррасонӣ ба равандҳои макроиқтисодӣ, ҳавасмандгардонии фаъолияти соҳибкорӣ, рушди истеҳсолоти ватанӣ ва беҳтар намудани сатҳи зиндагии аҳолӣ ба ҳисоб меравад.

Дар баробари ин, бояд қайд намуд, ки аҳаммияти амалии кори илмӣ дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд барои такмили самтҳои асосии сиёсати молиявии давлат, таҳияи тадбирҳои рушди иқтисоди миллӣ ва баланд бардоштани самаранокии идоракунии захираҳои молиявӣ истифода шаванд. Ҳамзамон, пешниҳодҳои илмӣ дар самти рушди соҳибкорӣ, дастгирии истеҳсолоти ватанӣ, ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ ва таъмини рушди устувори минтақаҳои кишвар метавонанд аҳаммияти назаррас дошта бошанд.

Яке аз ҷиҳатҳои мусбати таҳқиқот дар он асос меёбад, ки муаллиф масъалаҳои асосии ташаккули низоми танзими молиявиро мавриди омӯзиш қарор дода, механизмҳои амалисозии онро муайян намудааст. Дар баробари ин, қайд намудан ба маврид аст, ки муҳаққиқ дар баробари таҳлили назириявии танзими молиявӣ инчунин ба таҳлили методологии худи ташаккули низоми танзими молиявӣ марок зоҳир намудааст, ки хеле хуб мебошад.

Таъкид намудан ба маврид аст, ки дар заминаи омӯзиш ва баррасии осори илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ докторант дар саҳифаи 17-уми автореферат ақидаи муаллифии худро оид ба танзими молиявӣ баён намудааст, ки мувофиқи мақсад мебошад.

Дар баробари ин, муаллиф дар расми 1, саҳифаи 18 сохтори модели консептуалии ташаккули низоми танзими молиявиро ба таври мушаххас пешниҳод намудааст. Гузашта аз ин тавре, ки аз автореферат мушоҳида мешавад муҳаққиқ дар асоси таҳлили комплексии нишондиҳандаҳои оморӣ вазъи муосир ва тамоюлҳои асосии танзими молиявии рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаклҳо ва фишангҳои асосии таъсиррасонии молиявӣ ба бахшҳои иқтисоди миллӣ, модели консептуалии танзими молиявиро дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия намудааст, ки он дар расми 3, саҳифаи 27 автореферат инъикоси худро пайдо намудааст.

Дар саҳифаи 28-уми автореферат муаллиф дуруст иброз намудааст, ки такмили самтҳои танзими молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ ҷанбаи муҳимми нигоҳдории рушди устувори иқтисодӣ ва ҳамгироӣ ба иқтисоди ҷаҳонӣ ба ҳисоб рафта, беҳбуди шароит барои соҳибкорӣ ва фароҳам овардани механизмҳои ҳифзи иҷтимоии шаҳрвандони Тоҷикистон муҳим мебошад. Вобаста ба ин, аз ҷониби муаллиф дар саҳифаи 29 автореферат, дар расми 4 самтҳои асосии танзими молиявии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир ба таври муфассал оварда шудаанд.

Ҳамин тавр, натиҷаҳои бадастомада метавонанд дар таҳкими суботи макроиқтисодӣ ва баланд бардоштани суръати рушди иқтисодӣ дар шароити муосир мусоидати ҳамаҷониба намоянд.

Новобаста аз дастоварду пешниҳодҳои дақиқи илмӣ, дар автореферати диссертатсия чунин камбудӣ низ ба назар мерасад.

- агар муаллиф дар автореферат самтҳои асосии танзими молиявии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар шароити муосир ба таври муфассал ва возеҳ мавриди шарҳ қарор медод, беҳтар мебуд.

Қайд намудан ба маврид аст, ки эроди таъкидшуда арзиши мусбат ва умумии кори иҷрогардидаро паст намекунад ва хусусияти тавсиявӣ дорад.

Дар маҷмуъ, таҳқиқоти диссертатсионии Сабурзода Фаридуни Мирзоали дар мавзуи «Танзими молиявии рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900–Молия (6D050901- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) пешниҳод гардидааст, ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900–Молия (6D050901- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) мебошад.

Тақриздиҳанда:
д.и.и., профессори кафедраи идоракунии молияи давлатӣ ва иқтисоди рақамии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон **Досиев М. Н.**

Имзои Досиев М.Н. – ро тасдиқ менамоям:
Сардори Раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои махсуси Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон **Насурдинзода А. Н.**

Суроға: 734003, ш.Душанбе, кучаи Саид Носир 33,тел. (+992) 985 56 65 66, тел./факс (+992 37) 224-17-86, 228-92-20, www.apa.tj; info@apa.tj

«17» 11 2026 с.